*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Субҳонов Акбарҷон Идрисович ба диссертатсияи Негматова Шоҳида Ғуфроновна дар мавзуи: «Рушди хоҷагии хонаводагӣ дар низоми иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Дар вазъияти ҳозираи иқтисодию иҷтимоии ҳаёти кишвар масъалаи афзоиши иқтисодиёт ба мадди аввал меистад. Аммо рушди иқтисодӣ бе ҷалби захираҳои иловагии сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисод имконнопазир аст. Бинобар ин, ба фикри мо, пасандозҳои аҳолӣ дар шароити ҳозира хамчун манбаи захираҳои азими сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёти кишвар аҳамияти махсус пайдо мекунанд.

Айни замон сиёсати иҷтимоию иқтисодие, ки дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ пеш гирифта мешавад, пеш аз ҳама ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ Тоҷикистон нигаронида шудааст. Ба ин мақсад танҳо бо роҳи ҷалб намудани захираҳои иловагии иқтисодӣ ноил шудан мумкин аст. Манбаи имконпазири захираҳои иқтисодии хоҷагии хонавода ҳамчун субъекти фаъолияти иқтисодӣ мебошад.

Пасандозҳои хонаводаҳо - ин иқтидори тавоно ва воқеии молиявист, ки дар дохили кишвар ва ҳар як минтақа мавҷуд аст. Бо кӯмаки онҳо масъалаи пур кардани захираҳои бозори сармоя ҳал карда мешавад, ки боиси эҳёи фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ дар минтақа мегардад. Ин аст, ки ташаккули хоҷагии бозорӣ дар системаи иқтисодии минтақа ҷузъи зарурии дигаргунсозии институтсионалии иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Ба ҳама маълум аст, ки аҳолии кишвар аз рӯи меъёрҳои СММ аҳолӣ ҷавон ба ҳисоб меравад ва дар кишвар дар соли 2018 қариб 1 миллиону 400 ҳазор хоҷагии хонавода (оила) мавҷуд буд ва баъд аз омода кардани натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолии кишвар, ки дар соли 2020 ҷо дошт маълум мебошад. Бояд қайд кард, ки нақши хоҷагии хонаводагӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа хело муҳим мебошад.

Ҳамин тавр, хонаводаҳое, ки маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол мекунанд, субъекти махсуси иқтисодиёти вилоят мебошанд. Онҳо як қисми маҳсулоти зиёдати истеҳсолкардаашонро дар шакли музди меҳнат истифода карда, онро ба сармояи инсонӣ ва маблағгузорӣ табдил медиҳанд. Хонаводаҳо воҳиди ибтидоии бозор буда, тибқи қонунҳои бозор фаъолият мекунанд. Аз ин лиҳоз муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Негматова Шоҳида Ғуфроновна бебаҳс мебошад.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯи диссертатсия ва дараҷаи асосноккунии он** аз дуруст истифода намудани усулҳои иқтисодии таҳлили, тахайюлоти

илмӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили сабабӣ-оқибатӣ, усули муқоисакунӣ, таҳлили оморӣ, усули математикии иқтисодӣ, хулосабарорӣ, инчунин ҷанбаҳои бунёдӣ оид ба такмили методҳои муайян намудани нақши хоҷагии хонаводагӣ дар низоми иқтисодию-иҷтимоии минтақа, ки дар корҳои илмии иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ коркард гардидаанд, иборат мебошад.

**Дараҷаи асоснокии маънидоди илмӣ ва навгонии илмии диссертатсия**

Таҳлили рисола нишон дод, ки дар натиҷаи таҳқиқот натиҷаҳои нав оид ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию амалии хоҷагиҳои хонаводагӣ , асосан намудани махсусияти фаъолияти онҳо дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ, таҳияи тадбирҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, нуқтаи назари муаллиф нисбати моҳияти ин раванд дар шароити муосир аниқ баён карда шудааст.

Муаллиф асосҳои назариявии масъалаҳои фаъолияти хоҷагии хонаводагӣ, таъсири он ба пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёт, пеш аз ҳама ба назарияи иқтисодӣ, таҳлили назарияи андешаҳои иқтисодӣ оиди таҳаввулоти хоҷагии хонаводагӣ аз лаҳзаи пайдошавии инсон то кунун, хоҷагиҳои хонаводагӣ ҳамчун манбаи асосии захираҳои иқтисодӣ дар иқтисодиёти минтақа, асоснок карда шудаанд.

Рисолаи мазкур дар сатҳи зарурӣ, дар асоси таҳлили ҳолати ҳозираи хоҷагиҳои хонаводагӣ ва баҳодиҳии рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ ва имкониятҳои мутобиқати он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бароиояндабинии таъсири он ба рушди иқтисодиву иҷтимоии вилояти Суғд, механизми некӯаҳволии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар минтақа пешниҳод намудааст; методикаи баҳодиҳии иқтидори иқтисодии хоҷагиҳои хонаводагӣ ва дигаргуншавии иқтисодиёти хоҷагиҳои хонаводагии минтақа таҳлил ва таҳия карда шуд, дар доираи ин таҳлилҳо омилҳои таъсиррасон муайян ва нишон дода шудаанд.

Ҳамзамон муаллиф самтҳои афзалиятноки танзими фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагиро дар минтақа тавсия намудааст ва механизмҳои такмили беҳтаргардонии некӯаҳволии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар минтақа муайян карда; таҳлили захираи иқтисодии хоҷагиҳои хонаводагӣ , даромаду ҳароҷот ва пасандози онҳо дар сатҳи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

**Мазмуни диссертация**

Таҳлили рисола нишон дод, ки мақсади таҳқиқот коркарди ҷанбаҳои назариявию амалии хоҷагиҳои хонаводагӣ , асоснок намудани махсусиятҳои фаъолияти онҳо дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, таҳияи тадбирҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагӣ дар иқтисодиёти минтақа дар мисоли вилояти Суғд мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати (қонунҳо ва санадҳо, адабиёти махсус, сомонаи интернетӣ истифодашуда, ки 175 номгуйро дар бар мегирад иборат аст. Рисола дар ҳаҷми 185-саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод шуда, аз 22 ҷадвал, 7 расм, 4 диаграмма, иборат мебошад.

**Дар муқаддима** (С. 4-12) муҳимият ва сатҳи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳо, объект, предмети таҳқиқ, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методӣ, сарчашмаи иттилоотӣ, дақиқии натиҷаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ, тавсиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, интишорот ва сохтори диссертатсия, дарҷ гаштааст.

**Дар боби якум - «Асосҳои назарияви таҳқиқи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар илми иқтисоди муосир»** (С. 13-55) ҷанбаҳои назариявӣ ва моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар иқтисодиёти бозорӣ, равияҳои методии баҳодиҳӣ ба иқтидори иқтисодии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар иқтисодиёти минтақа, таҷрибаи хориҷии рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ ва имкониятҳои мутобиҷати он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст.

Муаллиф чунин мешуморад, ки дар марҳилаи муосир дарёфти механизми иқтисодӣ, ки дар роҳҳои асосии муътадилгардонии инкишофи иҷтимоию иқтисодии хоҷагиҳои хонаводагии минтақаро дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш таъмин мекунад, яке аз самтҳои афзалиятноки тараққиёти ҷамъият мебошад. (С.16)

Ба ақидаи муаллиф, фаъолияти инвеститсионии хоҷагиҳои хонаводагии минтақа истифодаи ташхиси муносибатҳои назариявии неоклассикӣ, институтсионалӣ ва неоинститутсионалӣ, ки рафтори иқтисодӣ, сохтори дохили хоҷагиҳои хонаводагӣ, хусусиятҳои ҳамкории мутақобилаи онҳоро бо дигар субъектҳои иқтисодӣ ба назар мегирад, мувофиқи мақсад аст.(с.21)

Муаллиф дуруст меҳисобад, ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ хоҷагиҳои хонаводагӣ дар фаъолияти иқтисодию иҷтимоии минтақа нақши муҳим дорад. Зеро шахсоне, ки дар минтақаҳо фаъолият доранд, ба истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо нигоҳ доштан ба рушди боигарҳои табиӣ ва фарҳангӣ таъсири бевосита мерасонанд. Хоҷагиҳои хонаводагӣ ҳамчун субъекти алоҳидаи иқтисодӣ ҳам дар сатҳи кишвар ва ҳам дар сатҳи минтақа муносибатҳоро оид ба истифодаи захираҳое, ки дар ихтиёри онҳо аст ва қонеъ намудани талаботе, ки онҳо доранд, дар васеъ намудани такрористехсоли сармояи инсонӣ инъикос менамояд (С. 33).

Муаллиф қайд менамояд, ки фаҳмиши мухталифи ба даст овардани некӯаҳволии хоҷагиҳои хонаводагӣ ба ташаккули ду модели мухталифи иқтисодӣ дар ҷаҳон таъсир мерасонад. Зимнан, аз як тараф, модели аврупоӣ (истеъмолӣ) такондиҳандаи рушди глобали ҷаҳон мебошад, аз тарафи

дигар, ин рушд аз ҳисоби иқтидори молиявӣ ва инсонӣ, ки дар модели дигари иқтисодии (пасандози) дар мамлакатҳои Осиё ташаккулёбанда сурат мегирад (С. 46-47).

**Дар боби дуюм - «Ҳолати муосир, хусусиятҳо ва иқтидори захиравии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (С. 56-120) тамоюл дар фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагӣ дар минтақа ва ҳолати иқтидории онҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ чун манбаи асосии захираҳои иқтисодӣ дар иқтисодиёти минтақа, хусусиятҳои муосири танзими фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагӣ ва омилҳои ба он таъсиррасонанда дар минтақа мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Муаллиф дуруст меҳисобад, ки тағйирёбии шумораи аҳолии минтақа таҳти ду омили зерин ташаккул меёбад: афзоиши (ё камшавӣ) табиии аҳолӣ ва муҳоҷирати аҳолии беруна. Моҳиятан ҳар ду нишондиҳандаи мазкур, махсусан афзоиши табиии аҳолӣ ғайримустақим афзалияти минтақаро барои зиндагии хоҷагиҳои хонаводагӣ инъикос мекунад. Дар ҳақиқат, агар дар минтақа ба ҳисоби миёна барои фаъолияти меҳнатӣ, харидани манзил барои шароити мусоид, инфрасохтори мутараққии истеҳсолӣ ва иҷтимоию маишӣ мавҷуд бошад, чунин минтақа барои зиндагии дарозмуддати аҳолӣ, аз ҷумла оилаҳои ҷавон, таваллуду тарбияи кӯдакон афзалиятнок аст.

Ба ақидаи муаллиф, агар дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, аз ҷумла ҳиссаи даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ дар сохтори даромади пулии хоҷагиҳои хонаводагӣ аз - 8 то 27% бошад, дар ИДМ он ба ҳисоби миёна 40-45%-ро ташкил мекунад. Ба назари мо, ҳисоби миёнаи сатҳи нисбатан баланди ҳаёт дар давлатҳои мутараққии ИДМ нисбат ба дигар минтақаҳо маҳз ба ҳамин вобаста аст: ҳарчанд фаъолияти соҳибкорӣ дар муқоиса бо кори кироя таваккали бештар дорад, дар сурати якхела будани дигар шароитҳо, он имкони ташаккули даромадҳои назаррасро фароҳам меорад (С.68).

Мавриди зикр аст, баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ, таъсиси марказҳои махсуси иттилотӣ, машварат оид ба хизматрасонии маишӣ, доир ба масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ (тиҷорати оилавӣ, сармоягузорӣ, қарзҳо, буҷети оила, андозбандӣ), барои фаъолтар ворид кардани хоҷагиҳои хонаводагӣ ба муносибатҳои иқтисодӣ ва татбиқи васеъи вазифаҳо ва қобилиятҳои он мусоидат хоҳад кард (С.74).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар давраи амалӣ гардонидани дигаргуниҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи нокифояи корхонаҳои кишоварзӣ ба мушоҳида расид, ки он ба ҳалли масъалаи таъмини озуқаворнии аҳолӣ, ҳамчунин ба вазъи хоҷагиҳои хонаводагӣ таъсири манфӣ расонид (С.82).

**Дар боби сеюм - «Такмили механизмҳои баланд бардоштани некӯаҳволии**

**хоҷагиҳои хонаводагӣ дар минтақа»** (С.120-152) самтҳои афзалиятноки танзими фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагӣ дар вилояти Суғд, такмили механизмҳои институтсионалии беҳтаргардонидании некӯаҳволии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар минтақа пешниҳод гардидаанд.

Дар ҳақиқат ба андешаи муаллиф яке аз омилҳои рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ - ин расонидани ёрӣ ба хоҷагиҳои хонаводагӣ оид ба мутобиқшавӣ ба шароитҳои нави иқтисодӣ ошкор сохтани зиддият байни пойгоҳи қонунгузории мавҷуда ва ҳолати воқеии иқтисодии оилаҳо ва шаҳрвандони алоҳида, ҳамчунин гузаронидани чорабиниҳо дар самти такмили қонунгузорӣ вазифаҳои хеле муҳимми давлат ба шумор меравад. Ғайр аз, ин таъсиси шабакаи иттилотӣ ва далелҳои зарурӣ дар бораи вазъияти хоҷагиҳои хонаводагӣ муҳим аст (С.141).

Ба андешаи муаллиф, дар хоҷагиҳои хонаводагӣ норасоии малакаю донишҳо оид ба соҳибкорӣ, ҷустуҷӯи таҳвилгарон, манбаъҳои фурӯш ва ғайра мушоҳида мешавад. Вазифаи мазкур ба дӯши мақомоти маҳаллӣ ва шаҳрӣ вогузор мегарданд (С.147).

Муаллиф, дар маҷмӯъ, қайд мекунад, ки ба мақсади ангезиш додану ҳавасманд кардани хоҷагиҳои хонаводагӣ ба пешбурди стратегияи хоҷагиҳои хонаводагӣ амалигардонидани тадбирҳои зерин пешниҳод карда мешавад: ба аҳолӣ дар шакли семинарҳо, тренингҳо, курсҳо, машварату маслиҳатҳо, интишори адабиётҳои махсус ва ғайра ёд додани пешбурди самарабахши хоҷагидорӣ; ба вуҷуд овардани шароит барои амалҳои фаъолонаи мустақилонаи хоҷагиҳои хонаводагӣ оид ба рӯзгузаронӣ ва ворид сохтан ба муносибатҳои нави ҷамъиятӣ; ташкил кардани ёрии мушаххаси воқеи ба он хоҷагиҳои хонаводагӣ, ки бо сабабҳои объективӣ мустақилона аз мӯҳтоҷӣ баромад наметавонанд: сухан дар бораи гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ заъфпазири аҳолӣ меравад, ки дар шароити экстремалӣ қарор доранд. (С. 150)

**Дар хулосаи диссертатсия** (С.160-163) таклифу пешниҳодҳои илман асоснок оид ба такмили методҳои рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ дар низоми иқтисодию иҷтимоии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, роҳҳои дар амал татбиқ намудани онҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ пешниҳод карда шудаанд.

Новобаста бо бартариятҳо диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест. Ба қатори онҳо нуктаҳои зеринро баён намудан зарур аст:

1. Дар боби якуми диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқи рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ дар низоми иқтисодию иҷтимоии минтақа дида баромада шудааст. Мутаассифона дар раванди омӯзиши заминаҳои назариявӣ олимони ватанӣ, ки дар атрофи масъалаҳои хоҷагиҳои хонаводагӣ (Исломов С.И., Абдуллоев Х.А. ва Ҳайдаров А.Ҷ.) кор

бурдаанд, дида баромад нашудааст.

2. Дар боби дуюми диссертатсия хусусият ва иқтидори захиравии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар шароити муосири вилояти Суғд дар сатҳи зарурӣ ба анҷом дода шудааст. Дар диссертатсия ҳолати имрӯза таҳлил шудааст, аммо бояд қайд кард, азбаски сухан дар бораи оила меравад, муаллиф мебоис пешгӯии аҳолиро ба масъалаҳои сатҳи таваллуд ва фавт, тамоюли издивоҷ ва талоқ, тамоюли хоҷагиҳои хонаводагӣ ва ғайра шарҳ медод. Азбаски рушди иқтисодии хоҷагиҳои хонаводагӣ аз теъдоди аъзоҳои оила зич алоқаманд аст, ҳисоб кардани коэффисиентҳои нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда, қубҳи корро баланд менамуд.

3. Дар рисола сухан дар бораи сармояи инсонӣ меравад ва дар инҷо муаллиф робитаи сармояи инсонӣ ва хоҷагиҳои хонаводагиро муайян кардааст. Қайд карда шудааст, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ғайр аз самараи иҷтимоӣ ҳамчунин ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ва болоравии рақобатпазирии иқтисодиёт таъсири бевосита мерасонад. Мутаассифона дар рисола ба ин масъала диққати зарурӣ дода нашудааст.

4. Дар боби сеюм бояд қисман бошад, ҳам сухан дар бораи таъсири интиқоли маблағҳо ба рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ ва алоқамандии онро акс мекард. Ба ҳама маълум, ки интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатии беруна қариб 60% ба хӯрокворӣ сарф карда мешавад ва дар баъзе оилаҳо нақши муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ хело бузург аст. Хуб мешуд, ки нақши муҳоҷирони меҳнатиро дар рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ васеътар дида мешуд.

5. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъии хусусияти имлоию услубӣ дошта ба назар мерасад.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои ҳарактери тавсиявӣ дорад.

Автореферат ва корҳои чопшуда ба пуррагӣ таркиби диссертатсияро дар бар мегиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмӯи корҳои илмию амалӣ ва дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии ба анҷом расида маҳсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии нави ҳалли масоили рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ дар низоми иқтисодию иҷтимоии минтақаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Негматова Шоҳида Ғуфроновна дар асоси талаботи илмӣ - назариявӣ ва амалияи муосир анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯ ба

талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мебошад. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Негматова Шоҳида Ғуфроновна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дода шавад.

Муқарризи расмӣ, н.и.и., дотсенти
шуъбаи таҳқиқотҳои демографии
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Субҳонов А.И.

Суроғаи институт: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айни №44,
Телефон: +992(37) 221-67-50, (+992) 900 003 734 (м.).
www: www.ied.tj.

Имзои н.и.и., дотсент Субҳонов А.И. - ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қурбонов Э.Т.